# ТАҚРИЗИ

**мукарризи расмӣ н.и.п., дотсент Сангов Н.Н. ба диссертатсияи Носирова Машҳура Негматовна дар мавзӯи «Ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ дар макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08 - Назария ва методикаи илмҳои гуманитарӣ)**

Ҳукумати Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият дар давраи рушди технологияҳои муосир ва талаботи бозори меҳнат ба кадрҳои баландихтисос сиёсати давлатиро дар соҳаи технология (таълими меҳнат) ва интихоби дурусти касб муайян мекунад. Дар марҳилаи нави таърихӣ моҳият, мақсад, вазифаҳо ва мундариҷаи тарбияи меҳнатӣ ва ташкили корҳои касбинтихобкунии хонандагонро танзим намуда, нақш ва мақоми онҳоро дар ташаккули шахсият такмил медиҳад.

Ҳамаи он касоне, ки дар сайёраи мо зиндагӣ мекунанд, новобаста аз он, ки онҳо кӣ ҳастанд ва дар кадом қисми олам зиндагӣ мекунанд ва, новобаста аз он, ки онҳо дар кадом давраи таърихӣ зиндагӣ кардаанду мекунанд ва намояндаи кадом миллату халқият, халқ, этнос ва ё қавм мебошанд, ин суолҳоро ба худ додаанд, медиҳанд ва хоҳанд дод.

Имрӯз дар ҷаҳон миқдори хеле зиёди касбҳои гуногун мавҷуд аст, ки дар замонҳои мухталифи таърихӣ арзи ҳастӣ кардаанд. Рушди илму техника, автоматикунонии истеҳсолот, ҷорӣ намудани равандҳои нави технологӣ, ташкили илмии меҳнат ва таҳкими пойгоҳи моддию техникии истеҳсолот омилҳое мебошанд, ки масоили корҳои касбинтихобкуниро ба қатори вазифаҳои муҳимтарини давлатӣ мебароранд.

Нақши муҳими маориф дар рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистони имрӯза дарки нуқтаеро таъйин менамояд, ки ояндаи кишвар ба он вобаста аст, ки низоми миллии маориф то кадом андоза барои бунёди иқтидори зеҳнӣ ҳамчун асоси рушди қобилияти аксарияти шаҳрвандон ва таъмини рифоҳи онҳо қодир мебошад.

Дар шароити ҷамъияти мо аҳамияти корҳои касбинтихобкунии хонандагон махсусан афзоиш меёбад. Ба ин ҳолат мураккабшавии хусусият ва мундариҷаи меҳнати касбӣ боис гардидааст. Худи мураккабшавӣ бошад, бо сабабҳои зерин ба миён меояд: фаъолона ба истеҳсолот ворид шудани техника ва технологияи нисбатан мукаммал ва пешқадам; баробар шудани имкониятҳои худмуайянкунии касбӣ ва афзоиши талаботи касбии шахсият, ки ҷорӣ намудани маълумоти миёнаи умумӣ боиси он гардидааст; зарурати мувофиқ намудани нақшаҳои шахсии касбии хонандагон ба талаботи хоҷагии халқи мамлакат; ҷиддан баланд шудани ҳосилнокии меҳнат, тақвияти ҳавасмандӣ ва қаноатмандӣ аз меҳнат, мураккаб шудани вазъи демографӣ.

Таҳқиқоти мавриди назар ғайр аз аҳамият инчунин арзиши ҳадафмандро инъикос менамояд, ки дар амалия ва назарияи раванди ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ дар макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода меёбад. Аз ҳамин лиҳоз, масъалаи таҳқиқиқотии пешниҳодшуда басо муҳим ба ҳисоб меравад.

Чӣ хеле, ки аз диссертатсия бармеояд, он аз 2 боб, ки ҳар боб иборат аз 3 зербоб, хулосаи бобҳои алоҳида, хулосаи умумӣ, феҳристи адабиёти истифодашуда ва замимаро дар бар мегирад. Диссертант Носирова М.Н. дар муқаддима мубрамияти мавзӯи таҳқиқот, дараҷаи азхудшудаи масъалаи илмӣ ва заминаҳои назариявию методологии таҳқиқот, тавсифи умумии таҳқиқот, ҳадафи таҳқиқот, объекти таҳқокот, мавзӯи таҳқиқот, масъалаи таҳқиқот, усулҳои таҳқиқот, фарзия,соҳаи таҳқиқот, марҳилаҳои таҳқиқот, пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқот, эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ, навгониҳои илмии таҳқиқот, аҳамияти назарии таҳқиқот, аҳамияти амалии таҳқиқот, нуктаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи

илмӣ, таъйиди диссертатсия ва иттилоот оид ба истифодаи натиҷаҳои таҳқиқотро зикр намудааст.

Боби аввал, ки “Пайдоиш ва рушди касб аз давраи атиқа то замони муосир” таъкид мегардад, ки тарбияи меҳнатӣ ва интихоби касб имкон медиҳад, то ҳар шаҳрванд бо навъҳои гуногуни фаъолияти инсонӣ шинос шуда, онҳоро мушоҳида намояд ва барои худ касби беҳтаринро интихоб кунад. Мақсади асосии тарбияи меҳнатӣ ва ташкили корҳои касбинтихобкунӣ талқини меҳнатдӯстӣ, ёрӣ расонидан дар интихоби касб мебошад.

Дар таҳқиқоти мазкур таърихи пайдоишу инкишофи ҳунармандӣ ва зуҳури касбҳои халқи тоҷик ва халқҳои дигари Осиёи Миёна аз давраи сохти ҷомеаи ибтидоӣ то рӯзҳои мо мавриди баррасӣ қарор мегирад.

Ба мақсади ҳал кардани масъалаи мазкур аз ҷониби мо руҷӯи муайяни таърихӣ анҷом дода шуд, яъне адабиёти сершумори илмӣ ва илмӣ-оммавӣ, маводи таърихӣ ва бостоншиносии маҳалҳои гуногунии таърихии Тоҷикистон, ки арзиши илмӣ доштанд, мавриди омӯзиш, таҳлил ва тасниф қарор гирифта, бо сокинони ин маҳалҳо суҳбатҳо доир гардиданд.

Баъди таҳлил ва баррасии ҳамаҷонибаи адабиёт ва сарчашмаҳои илмӣ аз тарафи диссертант Носирова М.Н. ба хулосае омада, қайд кардааст, ки ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ дар макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки барои баланд бардоштани самарабахшии омодагии корҳои касбинтихобкунии омӯзгорони оянда дар пойгоҳи муассисаҳои таҳсилоти олӣ мусоидат мекунанд, нишон медиҳад, ки муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба ҳайси маркази таълиму тарбияи педагогӣ-психологӣ, ташкили корҳои  касбинтихобкунӣ ва касбии омӯзгорони оянда ҳамчунин дар бобати омодасозии мутахассисони баландихтисос низ аҳамияти калон доранд.

Боби дувуми диссертатсия “Омодагии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ ва имкониятҳои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ” чи тавр босуръат тағйир ёфтани мундарича, сохтор ва хусусияти амалиёти кормандони касбҳои алоҳида қайд мегардад, ки сатҳи талаботро ба омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар бобати мусаллаҳ кардани донишҷӯён бо дониши нав, маҳорату малакаҳо оид ба ташкили корҳои касбинтихобкунии хонандагон баландтар мебардорад. Мундариҷаи стандартҳои давлатӣ, нақшаҳои таълимӣ ва барномаҳои муассисаҳои таҳсилоти олӣ мунтазам таҷдиди назар ва пурра гардида, онҳо ба талаботи нави ҳаёти ҷамъиятӣ, иқтисодӣ ва маънавии мамлакат алоқаманд карда мешаванд.

Чӣ хеле, ки аз диссертатсия бармеояд, ба сифати поягоҳи таҷрибавию озмоиши таҳқиқот МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров” дар солҳои гуногун бо намудҳои мухталифи озмоиш ва кори таҷрибавию таҳқиқӣ гузаронида шуда, бештар аз 281 донишҷӯёни муассисаҳои олии зикргардида ширкат варзиданд.

Дар хулосаи боби дувум муаллиф қайд мекунад, ки технологияи педагогӣ азбаски бо ғояи идоракунии раванди омодагии омӯзгори оянда иртибот дорад, ба педагогика ворид сохтани тарзи низомманди тафаккурро таҷассум менамояд. Озмоиш оид ба ташаккули босалоҳиятии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунии, ки ба баланд бардоштани самарабахшии омодагии омӯзгорони оянда ба касбинтихобкунӣ дар пойгоҳи муассисаҳои таҳсилоти олӣ мусоидат мекунанд, нишон медиҳад, ки муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба ҳайси маркази таълиму тарбияи педагогӣ-психологӣ, корҳои касбинтихобкунӣ ва касбии омӯзгорони оянда ҳамчунин дар бобати омодасозии мутахассисони баландихтисос низ аҳамияти калон доранд.

Ҳамин тариқ, истифодаи донишу маҳоратҳои корҳои касбинтихобкунӣ нақши муҳим ва асосӣ бозида, чун воситаи баланд бардоштани

ташаккули босалоҳиятии омӯзгори оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ хизмат мекунад, нигаронида шудааст.

Дар охир диссертант Носирова М.Н. ба чунин хулосае меояд, ки ҷамъбасти натиҷаҳои омӯзиши назариявӣ ва таҷрибавии мушкилоти ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ дар макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин тавсияҳо дода медиҳад:

1. Дар фаъолияти омӯзгорони оянда ҳангоми корҳои касбинтихобкунӣ бояд ташкили ин донишҳо ҳини интихоби касби оянда ва додани маълумот оид ба касбҳое, ки дар онҳо донишҳои мазкур мавриди истифода қарор гирифта метавонанд, афзалият дошта бошад.

2. Дар муассисаҳои олӣ бо кӯшиши якҷояи кафедраҳои педагогикаи умумӣ ва кафедраи методикаи тадриси фанҳои махсус (биология, адабиёт, физика, химия ва ғ.) таҳия ва нашр намудани як қатор дастурҳои таълимӣ-методӣ ва мавод оид ба масъалаҳои назарию амалии корҳои касбинтихобкунӣ ва методикаи гузаронидани он дар раванди таҳсил ба мақсад мувофиқ аст.

3. Методистони такмили ихтисосро зарур аст, ки бо истифодаи китоби дарсии “Касбинтихобкунӣ” барои омӯзгорони касбӣ дар хусуси корҳои касбинтихобкунӣ лексияҳо гузаронанд.

Қайд намудан бамаврид аст, ки аз тарафи диссертант Носирова М.Н. вобаста ба мавзӯъ ва қисматҳои асосӣ 12 адад корҳои илмиро ба нашр расонидааст, ки аз он 6 адад мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА воридгардида мебошад.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Носирова М.Н. кори ба анҷом расида ба ҳисоб рафта, фарогири аҳамияти зарурии илмӣ аст. Бояд гуфт, ки бо вуҷуди таснифоти бисёр, диссертатсия норасоиҳоеро соҳиб аст, ки ислоҳи он бар нафъи беҳбудии кор мебошад.

1. Диссертатсия баъзе норасогиҳои имлоӣ ва услубиро дорост;

2. Дар диссертация иқтибосҳо аз мақолаҳои нашршудаи диссертант ба назар нарасид;

3. Хуб мешуд, агар диссертант ба он мушкилотҳое, ки барои омӯзгорони мо баҳри ташкили корҳои касбинтихобкунии омӯзгорони оянда дар макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пеши кор меоянд, таваҷҷӯҳ намуда, таклифу пешниҳодҳоро мушаххастар рӯйи кор меоварданд.

Нуқтаҳои зикршуда танҳо пешниҳод барои беҳбудии кори илмӣ буда, арзиши назариявӣ ва амалии диссертатсияро коста намегардонад.

Мавриди зикр аст, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ кӯшиши таҷдиди назар ба ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ дар макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, таҳқиқоти анҷомдода фарзияи пешниҳодшударо тасдиқ кардааст. Вазифаҳои дар таҳқиқоти илмӣ гузошта пурра ҳал карда шуда, мазмун, мундариҷа ва хулосаи диссертатсияи муаллиф дар автореферат ва корҳои илмӣ аз ҷумла, мақолаҳои илмӣ, китоби дарсӣ ва пуррагӣ инъикос гардидааст.

Ҷоиз ба қайд аст, ки диссертатсия ва автореферати диссертант Носирова М.Н. ба талаботи «Низомнома оид ба дарёфти дараҷаи илмӣ»-и Комиссияи олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллиф ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таълими касбӣ (13.00.08 - Назария ва методикаи илмҳои гуманитарӣ) сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ,**
н.и.п.дотсенти кафедраи фанҳои
умумитехникӣ ва мошиншиносии
факултети технология ва соҳибкории
“Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ Сангов Н.Н.

*Имзои Сангов Н.Н.-ро тасдиқ менамоям:*
*Мудири РК ва КМ-и ДДОТ ба номи С.Айнӣ Мустафозода А.*